КОР БО ЛЕКСИКА ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Аличон Каримжонов
номзоди илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи “Таълими ибтидоӣ”
Донишгоҳи давлати педагогии шаҳри Чирчиқ вилояти Тошкент

АННАТАТСИЯ

Дар ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ривоҷдиҳии забонҳои хориҷӣ яъне забони модарӣ хусусан ба омӯзиши хабони тоҷикӣ диққати ҷиддӣ дода истоааст. Бо ташаббуси президенти диёрамон дар мамлакат ба такмилили тарбия дар синфҳои ибтидоӣ, ки асоси пойдевори инкишофи илму фарҳанг мебошад диққати беандоза дода истодааст. Хусусан дар чумҳурӣ диққати ҷиддӣ додан ба забони бойтарини форсу тоҷик ва амали намудани забонҳо дар таълими мактабҳои олӣ моро водор месозад, ки ба омӯхтани тарзи ташкили таълиму тарбия ба забони точикӣ саҳмгузорӣ намоем.

Калимаҳои иқтибоси: калимаҳои сермаъно, синнонимҳо, калимаҳои муқобилмаъно, машқҳои грамматикӣ, имло, машқҳои лексикӣ, принсип, услуб, ифоданокии нутқ, хунук, сармо, сард, қаҳратун.

WORKING WITH VOCABULARY IN PRIMARY SCHOOLS

Alijon Karimjonov
Candidate of Pedagogical Sciences
Associate Professor of the Department of Primary Education
Chirchik State Pedagogical Institute of Tashkent region

ABSTRACT

In the Republic of Uzbekistan, special attention is paid to the development of foreign languages, especially the study of the Tajik language. At the initiative of the President of our country, the country pays great attention to improving the education in primary school, which is the basis for the development of science and culture. Particular attention in the country to the rich Persian and Tajik language and the implementation of languages in higher education urges us to contribute to the study of the organization of education in the Tajik language.

Keywords: polysemous words, synonyms, antonyms, grammar exercises, spelling, lexical exercises, principles, style, speech expression, cold, cool, sard, freezing.

МУҚАДДИМА

Дар таълими ибтидой пояи асосии ташаккули шахсият, таҳкурсии минбадаи омӯзгорӣ ва парвариш мебошад. Аз ин рӯ, ба муаллимон ва тарбиятгарони оянда донишҳои навтарини инкишофи нутқи даҳонӣ омӯзонидан лозим аст. Муаллими халқӣ шахси боэътимодест, ки ҷамият ба ӯ азизтарин ва пурқиматтарин зодаи худ-фарзанд, орзую умед ва ояндаи худро юовар карда месупорад. Барои он аз муаллимони синфҳои ибтидоӣ ин боварии ҷамиятро қонеъ гардонидан саҳми босазо бояд гузошт.

Чи тавре, ки мегӯянд:

Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,
То охир меравад он девор кач.

Дастури таълимии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣи ба машғулиятҳои луғавӣ аҳамияти калон дода, дар баробари ин таъкид мекунад, ки хонанда бо маънои луғавии калимаҳо, калимаҳои сермаъно, синнонимҳо ва калимаҳои муқобилмаъно бataври амалӣ шинос карда шавад.

Ин аст, ки бо мақсади инкишофи нутқи кӯдакон дар қатори машқҳои грамматикӣ ва имлоӣ, машқҳои лексикӣ ҳам бояд ҷои намоёнро ишғол кунанд, чунки дар машғулотҳои грамматикӣ-имлоӣ мавқеи асосиро машққое ишғол мекунанд, ки онҳо ҳама тарафҳои забонро дар бар гиранд. Машқҳои лексикӣ бояд аз рӯи принсипи алоқаманди ба машғулиятҳои грамматикӣ ва имлой гузаронида шуда, барои бой намудани захираи луғавии хонандагон ёрӣ мерасонад.

Зарурати аз рӯзҳои аввали таълим гузаронидани машқҳои лексикӣ барои он ба миён меояд, ки нутқи кӯдакони синни хурди мактабӣ хеле камбисот буда, онҳо маънои бисьёр калимаҳоро пурра фаҳманд ҳам, аммо на ҳама вақт дуруст талаффӯз карда метавонанд , аксаран дар нутқашон ба хатоҳои лексикӣ-услубӣ роҳ медиҳанд ва ғайраҳо.

АДАБИЁТ ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки ин намуди хато дар нутқи талабагони синфҳои ибтидой хеле бисьёр во мехӯранд. Дар порчаи нисбатан хурди нутқи даҳонӣ ё хаттӣ кӯдак беихтиёр як калимаро паи ҳам чандин бор такрор мекунад: Бо падарам ба боғи ҳайвонот ***рафтем***. Ба он ҷо ба мошин савор шуда ***рафтем***. Тамошо карда, ба пеши паланг рафтем, ба пеши хирс ***рафтем***, ба пеши майиунҳо ***рафтем***.

Хурдсолон калимаҳои ***боз, хеле, акнун*** ва ғайраро дар иншоҳои худ ниҳоят бисьёр истифода мебаранд ва калимаҳои ***калон, зӯр, нағз, бал, гуфтам, рафтам, омадам*** ва амсоли инҳоро чӣ дар нутқи хаттӣ ва чӣ дар нутқи даҳониашон бемаврид зуд-зуд такрор мекунанд.

Чунин хатоҳои такрори калимаҳо сабабҳои гуногун доранд: захираи луғавии хонандагон камбағал буда, барои ифодаи фикр калимаҳои мувофиқ намеёбанд ва ба маъноҳои гуногуни онҳо сарфаҳм намераванд. Инчунин дар захираи луғавии хонандагон калимаҳои зарурӣ бошад ҳам, дар просесси нутқ ба хотири онҳо намеоянд, ки, албатта ин сабаб дорад. Психологҳо испот намудаанд, ки: “Агар барои ифодаи як предмет якчанд калима дошта бошад ҳам, шумо одат кардаед, ки ҳамон калимаи ҳозиракак гуфта ё навиштаатонро такрор кунед. Ин ҳолат барои он ба амал меояд, ки таъсири калимаи нав талаффӯзшуда афзалӣ дорад ва ин одат шудааст”.

Сабаби дигари дар нутқи хонандагон айнан такрор шудани калимаҳои якхела дар он аст, ки ҳангоми тартиб додани матн тамоми қувваташонро ба предмети нутқ равона намуда, ба ифоданокии нутқ ва интихоби калимаҳо эътибор намедиҳанд. Яъне барои дарккунии предмет ва ифодаи забонии он маҳорати дуруст, идора кардани қувваи тафаккур ҳоло пурра инкишоф наёфтааст. Аз ин рӯ, ҳангоми нутқ, ба майна фақат як предмет, яъне объекти мушоҳидашаванда: расм, ягон предмет ё матни хондашуда таъсир мерасонад.

Аксар вақт хонандагон хатоҳои дар нутқи даҳониашон содиршударо намешунаванд ва калимаҳои такрори дар матни тартибдодаашон чойдоштаро намебинанд.

Барои пешгири намудани чунин хатоҳои хонандагон аз бисьёр чорабиниҳои амалӣ бояд истифода бурд.

Аввал ба хонандагон фаҳмонидан лозим, ки нутқи дорои калимаҳои такрор нозеб ва камбағал буда, диққати шунавандаро ба худ ҷалб карда наметавонад. Барои ба ин мақсад ноил гаштан, пеш аз ҳама, ба хонандагон супоришҳои махсус додан лозим ва онҳоеро, ки аз такрори калимаҳои якхела худдорӣ мекунанд, таҳсил бояд кард. Масалан, муаллим метавонад мақсади худро ин тавр ифода кунад: “Нутқи Анвар аз калимаҳои такрор соқит буда ифоданок ва форам садо медиҳад”.

НАТИҶАҲО

Пеш аз тартиб додани матн, навиштани иншо ё нақли хаттӣ муаллим ба мақсади пешгирӣ кардани хатоҳои хонандагон бо ҳамроҳии онҳо калима ва ибораҳоро, ки дар тартиб додани матн зарур хоҳад шуд, ба хотир меоранд. Ин

тайёрии пешакӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки аз хатоҳои такрори калима то дараҷае даст кашанд.

Аз тарафи дигар, ба он мувофақ шудан лозим аст, ки шогирдон матни худашон тартибдодаро хонда, нутқи худашонро гӯш карда метавонистагӣ шаванд. Барои ҳамин ҳам муаллим ба аҳли синф ҳангоми таҳлил вазифа месупорад, ки аз иншо ё нақли хаттӣ калимаҳои такроршударо ёбанд, ба ҷои онҳо калимаҳоеро гузоранд, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик бошанд. Танҳо дар ин ҳолат матн объекти асосӣ гардида, диққати талаба ба шакли ифода равона карда мешавад. Чунончи, чумлаҳои зеринро мисол овардан мумкин аст.

1. Падарам шабҳо ба мо ***нақлҳои аҷоиб*** нақл мекарданд.

2. Рӯбоҳи ҳилагар хост ба болои мурғ ***парад,*** вале мурғ хавферо ҳис карда ***парида*** рафт.

3. Ману Ҳошим алаф медаравидем, ки аз байни алфҳо бедонае ***парида*** рафт.

4. Харгӯш дид, ки рӯбоҳ ***боз омада истода*** аз қафояш ***боз*** гург омада истодааст.

Ба ғайр аз хатоҳои такрори калима дар нутқи хатии талабагони синни хурди мактабӣ, аз ҷумла дар синфи Ш, инчунин хатоҳои лексикӣ-услубӣ низ мушоҳида карда мешаванд ва он бояд дар маркази диққати муаллим бошад.

Бояд қайд кард, ки воситаҳои (калимаҳои) дар забон мавҷудбуда ба ду тақсим мешавад: яъне умумӣ ва барои ҳама ҳатмист, дигаре муродиф (синоним) ва шаклҳои гуногун дошта, ба нотиқ ё хатнавис имконият медиҳад, ки аз воситаҳои гуногуни ифода истифода нимояд, мавзӯъ, шароит, характери (сӯҳбат, мактуб, маърӯза ва ғайра) нутқро ба инобат гирад. Масалан, агар барои ифодаи сиёҳ як калима мавчуд бошад, барои ифодаи ранги сурх якчанд калима: сурх, авлонӣ, ҷигарӣ хизмат мекунанд.

Мушоҳидаҳо ба се гурӯҳ ҷудо кардани хатоҳои услубӣ-лексикии хонандагонро талқин менамояд.

1. Шогирдон ҳангоми тасвири лирикии фаслҳои сол калимаҳои мувофиқ ёфта наметавонанд.

2. Ибораҳои фразеологиро нодуруст истифода мебаранд, дар навиштани иншоҳои тасвирӣ “Таътили тобистонаро чӣ хел гузаронидам”, “Воқеаи аҷоиб,” “Рӯзи ид,” “Дар маракаи чӯпонҳо” ва ғайра, калимаҳои шевагиро кор мефармоянд.

3. Ҳангоми дар мавзӯҳои таърихӣ ва табиатшиносӣ иншо ё нақли хаттӣ навиштан аз сабаби надонистани предмете, ки сухан дар бораи он меравад, хонандагон ба хатоҳои лексикӣ роҳ медиҳанд, яъне калимаҳоро ба маънри худашон кор фармуда наметавонанд.

МУҲОКИМА

Чунин хатоҳо бештар ба хонандагони синни хурди мактабӣ хос аст, бинобар ин муаллим бояд ба бачагон на ҳама вақт ҷоиз будани элементи услуби гуфтугӯиро фаҳмонад.

Масалан, дар сӯҳбат бо рафиқ калимаҳои ***ошном, ҷӯрам, воя, муаллимая, бачо кардам*** ва монанди инҳоро истеъмол кардан хато бошанд, пас онҳоро дар нутқи хаттӣ (иншо) истифод бурдан низ ҷоиз нест.

Ман бо ***ҷӯрам*** дарс тайёр мекунам, Дар телевизор ***муаллимая*** дидам. Байракро ба зери санги сурх ***бачо*** кардам. Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои гуфтугӯиро ба вариантҳои китобиашон бояд иваз кард. Баръакс, дар он ҷое, ки калимаҳои гуфтугӯй барои кушодани характери персонажҳо заруранд, шогирдон калимаҳои китобатиро кор меформоянд. Ғайр аз ин дар нутқи хонандагони синни хурди мактабй элементҳои лаҳҷа ва шева бисьёр мушоҳида карда мешавад.

Дар адабиёти бадей истифодаи лаҳҷа ва шева ҳаргиз чунин маъно надорад, ки ин гуна калима ва ибораҳо ба элементи забони адабй дохил карда шудаанд. Бар хилофи забони адабй забони асарҳои бадей имконият дорад, ки ба мақсадҳои бадеӣ-тасвирӣ аз шева ва баъзан, ҳатто, аз лаҳҷа ҳам истифода барад: “Биниат бутун-мӣ?—пиқир-пиқир хандид касе аз поён-намедонам, ҳанӯз қапида надидем: -бо ханда ҷавоб дод дигаре аз поёнтари ӯ.” (Р.Ҷалил).

Инчунин дар матн дида натавонистани фарқи тобиши мазмуни байни синнонимҳо низ ба хатои хонандагон сабаб мешавад. Масалан, “Дараҷаи бемор торафт баланд мешуд. Акнун оби дарьёи Зарафшон сафед буд.” Пахтаҳо чаман барин кушода буданд. Ба ҷои дарача-ҳарорат, сафед-соф, зулол, кушода-шукуфта кор фармуда мешуданд, ҷумлаҳо суфта мебаромаданд.

Чи тавре, ки дар боло ишора кардем, хатоҳои лексикӣ бо сабаби надонистани предмет ва ҳодисаҳое, ки сухан дар бораи онҳо меравад низ ба амал меояд. Табиист, ки чунин хатоҳо дар иншоҳои озод бештар рӯй медиҳанд. Бача мехоҳад, ки дар иншояш дар бораи предмет ва ё ҳодисае маълумот диҳад, вале предмет ва ҳодисаро ба худ пурра тасаввур карда наметавонад.

Хонанда Ф. (синфи Ш) навиштааст. “Чархи машина шикаста гӯё ба замин ғутида буд” ба ҷои дами камера баромад. Хонанда М. Бошад чунин мепиндорад, ки кӯҳро фақат бомба метарконад. “Аз тарқиши бомба кӯҳ,” талқон-талқон шуда, дар як мичча задан пеши роҳи дарьёро гирифт (калимаҳои бомба ва роҳ ба мантиқ мувофиқ нестанд).

Бинобар дар баробари машғулотҳои грамматикӣ-имлоӣ мунтазам гузаронидани машқҳои лексикӣ имконият медиҳад, ки нутқи шогирдон ҳаматарафа инкишоф дода шаванд. Албатта, дар айни замон муваффақияти ин кор бештар ба ташаббус ва маҳорати худи муаллим вобаста аст, чунки барои ба

таври бояду шояд гузаронидани машқҳои лексикӣ дар китобҳои дарсӣ ҳанӯз материалҳои зарурӣ тавсия карда нашудаанд.

Вале норасоии китобҳои дарсӣ ба забони модарии тоҷикӣ набояд садди роҳи муаллим гардад, чунки дар ҳамаи машқҳои китобҳои дарсии номбурда калимаҳое ёфт мешаванд, ки ба худ синоним талаб мекунанд, ба маъноҳои гуногун кор фармуда мешаванд ва ғайра. Пас машғулиятҳои гамматикӣ имлоиро бо машқҳои лексикӣ алоқамандона гузарондан то андозае ба худи муаллим вобаста аст.

Дар силсилаи корҳои луғавӣ машқҳои синонимӣ бояд ҷои намоёнро ишғол кунанд, зеро то хонандагон воситаҳои синонимии забонро аниқ надонанд, боигариҳои лексикии онро азхуд карда наметавонанд. Ба ин маънӣ, кор бо синонимҳо бояд дар мактаб қисми таркибии омӯзиши забони модарӣ гардад.

Чӣ тавре ки яке аз олимони намоёни забоншинос А.Н.Гвоздев мегӯяд, “нишондиҳандаи муҳими малакаи услубӣ- ин маҳорати аз ҳам фарқ кардани синонимҳо, аз онҳо нисбатан ҷоиз ва аниқашонро интихоб карда тавонистан мебошад.” Моҳирона истифода кардани синонимҳо ба нутқ садосату фасоҳат мебошад.

Аз ин рӯ, хонандагони синфҳои ибтидоиро ба синонимҳо ба таври назариявӣ не, балки амалан шинос кардан лозим, яъне бояд онҳо аз матнҳо калимаҳои синонимиро ёфта, мазмунашонро муқоиса кунанд, ба калимаҳои додашуда синоним ёбанд, онҳоро дар нутқашон мустақилона истифода бурда тавонанд.

Агар хонандагон хосиятҳои услубӣ ва тобишҳои фарққунандаи маъноии синонимҳоро дананд, онҳоро чӣ дар нутқи даҳонӣ ва чӣ дар нутқи хаттии худ дуруст истифода бурда метавонанд. Бинобар ин дар просесси кор бо машқҳои синонимӣ танҳо ба он маҳдуд шудан лозим нест, ки калимаҳои синонимӣ аз матн ҷудо карда шаванд, ё ба калимаи додашуда синоним ёфта шавад. Ин танҳо як ҷиҳати масъала аст. Ба он бояд муваффақ шуд, ки шогирдон аз ҳамдигар фарқ доштани синонимҳо: дар базе мавридҳо ба ҷои якдигар омада натавонистани онҳо, ҳангоми сермаъноии калима тамоман фарқ доштани синонимҳоро фаҳманд. Масалан, калимаҳои ***хунук, сармо, сард, қаҳратун*** на танҳо наздикмаъноянд, балки аз ҳамдигар бо табиши маъноии худ фарқ ҳам доранд: хунук – “0” дарача, сармо – хуноки сахт, қаҳратун – хуноки сахттар. Ё ки калимаҳои руд, дарьё, наҳр ва ғайра, гарчанде як мафҳумро ифода кунанд ҳам, на ҳама вақт ҷои якдигарро иваз карда метавонанд.

ХУЛОСА

Маҳз ҳамин хусусиятҳои синонимҳо агар ба хонандагон ошкор карда шавад, онҳо бевосита он калимаҳоро интихоб карда, бо ёрии онҳо фикр ё ҳиссиёти худро нисбатан аниқ ифода карда метавонанд.

Агар калима сермаъно бошад, пас калимаҳои ба маъноҳои гуногуни синоним шудаи вай ба ҳамдигар синоним намешаванд. Масалан, ***шамоли хунук, афти хунук, гапи хунук.*** Ба хунукӣ аввал сард, ба хунукӣ дуюм номувофиқ аст, ба хунукӣ сеюм нохӯш, синоним мешаванд, вале онҳо ба ҳамдигар муносибати синонимӣ надоранд ва ҳангоми гузаронидани машқҳои синонимӣ муаллим вазифадор аст, ки хусусиятҳои ин калимаҳоро ба назар гирад.

Шартҳои дигари зарурӣ ҳангоми ташкилу гузаронидани кор бо синонимҳо дар синфҳои ибтидоӣ аз инҳо иборатанд:

1. Машқҳои синонимӣ мунтазам аз рӯи план гузаронида шаванд:

2. Дар лаҳзаҳои кори амалӣ ва мустаҳкамкунии дарс бояд синоними якчанд калимаҳо ба хонандагон фаҳмонда шавад. (3-6 дақиқа). Ба мақсади ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ ёрӣ расондан луғати синонимҳоро (тахминан) дар синфҳои ибтидоӣ мисол меоварем.

АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА

1. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб ҳалқимиз билан бирга қурамиз. Тошкент, “Ўзбекистон”, 2017й.
2. Каримжонов А. Педагогик тизимни бошқариш асослари. Тошкент, Ўқитувчи, 2008.
3. Каримжонов А. Таълим тизимини бошқариш асослари. Тошкент, Ўқитувчи, 2012
4. Каримжонов А. Пути самообразовани учителей в современный этапе. Тошкент. 1999 й.
5. Мачмуи мақолаҳо. Фаолонидани просесси таълим ва тарбия дар синфҳо ибтидой. Душанбе. 1998.с.
6. Таваккал Чориев. Китоби дарсӣ. Забони модарӣ (синфҳои 1-П-Ш). Тошкент. 2012, 2016.

REFERENCES

1. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб ҳалқимиз билан бирга қурамиз. Тошкент, “Ўзбекистон”, 2017й.
2. Каримжонов А. Педагогик тизимни бошқариш асослари. Тошкент, Ўқитувчи, 2008.

3. Каримжонов А. Таълим тизимини бошқариш асослари. Тошкент, Ўқитувчи, 2012
4. Каримжонов А. Пути самообразовани учителей в современный этапе. Тошкент. 1999 й.
5. Мачмуи мақолаҳо. Фаолонидани просесси таълим ва тарбия дар синфҳо ибтидой. Душанбе. 1998.с.
6. Таваккал Чориев. Китоби дарсӣ. Забони модарӣ (синфҳои 1-П-Ш). Тошкент. 2012, 2016.